| Шарҳи методологӣ | Методологические пояснения |
|---|---|
| Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар Ҷумҳурии **Тоҷикистон аз 1 то 15 октябри соли 2020** гузаронида шуда буд. Ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ аз тарафи ҳисобчиҳо бо роҳи саволу ҷавоб бо аҳолӣ бе талаби ягон ҳуҷҷати шахсӣ пур карда шуданд. | *Перепись населения и жилищного фонда в Республике Таджикистан была* ***проведена с 1 по 15 октябри 2020 года.*** *Переписные документы заполнялись счетчиками путем опроса населения без требования документов.* |
| Дар ҷилд маълумотҳо оид ба аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ва ғайрифаъол, сохтори машғулин дар соҳаҳои истеҳсолот ва намуди фаъолияти иқтисодӣ, инчунин маълумотҳо оид ба фаъолияти иқтисодии муҳоҷирони меҳнатии ба хориҷа рафта, оварда шудаанд. | *В томе приведены данные об экономически активном и неактивном населении, структуре занятых по сферам производства и видам экономической деятельности, а также данные об экономической деятельности внешних трудовых мигрантах.* |
| Дар давраи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба **аҳолии машғул дар иқтисодиёт** шахсоне мансуб дониста шуданд, ки машғулият доштанд ва ин машғулият маош ё даромад меовард. | *При проведении переписи населения и жилищного фонда 2020 года в Республике Таджикистан* ***к занятому населению в экономике*** *отнесены лица, имеющие занятие, приносящий заработок или доход.* |
| Ба **аҳолии машғул** инчунин нафақахӯрон, ки ба санаи гузаронидани барӯйхатгирӣ кори доимӣ доштанд, дохил карда шудаанд.<br>Ба шумораи машғулин инчунин шахсоне дохил мешаванд, ки корро бемузд дар корхонаи оилавӣ иҷро намуданд, низ шахсоне, ки аз сабаби беморӣ, нигоҳубин кардан ба бемор, ба рухсатии меҳнататии ҳарсола баромадан ва дигар ин қабил сабабҳо муваққатан ба кор набаромада буданд. | ***К занятому населению*** *отнесены также пенсионеры, имевшие постоянную работу на дату проведения переписи.*<br>*В число занятых также включаются лица, которые выполняли работу без оплаты на семейном предприятии, а также лица, которые временно отсутствовали на работе из-за болезни, ухода за больными, ежегодного отпуска и других подобных причин.* |
| Машғулин дар иқтисодиёт аз рӯи мақоми худ дар машғулият ба: кормандони кироякор, корфармо, шахсоне, ки машғулияти инфиродӣ доранд, шахсони дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ машғулбуда, аъзоёни кооперативи истеҳсолӣ, кормандони бемузди корхонаи оилавӣ ҷудо мешаванд.<br>Дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 савол оид ба машғулият ва фаъолияти иқтисодии аҳолӣ ба аҳолии доимӣ дар синни 15 сола ва калонсолтар дода мешуд. | *Занятые в экономике классифицируются по своему статусу на: работающих по найму, работодателей, занятых в индивидуальной основе, занятых в личном подсобном хозяйстве, членов производственного кооператива, неоплачиваемые работники семейного предприятия.*<br>*При переписи населения и жилищного фонда 2020 года вопрос относительно занятости и экономической деятельности задавался постоянному населению в возрасте 15 лет и старше.* |